Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj)

Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи “Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Дар автореферати диссертатсия тазоди иқтисодии марбут ба эҳсонкорӣ махсус қайд шудааст, ки аз нигоҳи аввал фаъолияти эҳсонкорӣ ғайриоқилона ба назар мерасад. Эҳсонкорон зоҳиран на ба нафъи худ, балки ба манфиати аъзоёни ҷомеа кор мекунанд. Аҳкоми асосии иқтисоди бозорӣ мабнӣ бар он аст, ки субъектҳои иқтисодӣ рафтори оқилонаи барои ба даст овардани фоида нигаронидашуда доранд. Аммо, ҳаминро ба назар гирифтан даркор аст, ки аз фаъолияти эҳсонкорӣ соҳибкорон оромиши виҷдон ва лаззати маънавӣ ҳосил мекунанд ва худро аз нигоҳи ахлоқ шоиста ҳис мекунанд.

Қайд гардидааст, ки азбаски қобилияти соҳибкорӣ ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа баробар тақсим нашудааст, бо мурури замон, рушди иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ ба он оварда мерасонад, ки баъзе аъзоёни ҷомеа, ки қобилияти мазкур дар онҳо бештар аст, торафт сарватманд шудан мегиранд. Баръакс, баъзе аъзоёни дигари ҷомеа, бинобар сабабҳои объективии гуногун, аз ҷумла надоштани чунин қобилият осебпазир мешаванд. Аз ин рӯ, дар иқтисоди бозорӣ ҳамеша гурӯҳи аъзоёни ҷомеа ба дастгирии давлат ва бахши хусусӣ муҳтоҷ боқӣ мемонанд. Дар кишварҳои дунё, вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ин таносуб низ гуногун боқӣ мемонад.

Дар ҳоли ҳозир, сарфи назар аз аҳамияти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ доштани фаъолияти эҳсонкорӣ, ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан мавриди таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ, аниқ

кардани нақши он дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин мушаххас кардани хусусияти хизматрасонӣ дар доираи ин фаъолият, мубрамӣ ва зарурати мавзуи интихобшударо нишон медиҳад.

Ба андешаи мо, дар таҳқиқоти Мирбобоева М.И. камбудиҳои зерин ҷой доранд:

1. Ҳисоби потенсиали эҳсонкории аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳодшуда, на ҳама омилҳои ба он таъсиррасонро дарбар мегирад;

2. Дурнамо ва инкишофи ҳамаҷонибаи фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд зери омузиш ва таҳлил қарор гирифта нашудааст.

Дар баробари камбудиҳои мавҷуда, диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзӯи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси: 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси: 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, Раҳимов А.М.

Имзои Раҳимов А.М.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ. Тел: +992(3422)2-38-11 www.tsulbp.tj